# ШУҒЛ ВА МУҲОҶИРАТ

*...Ризқи худ соҳибҳунар аз санг пайдо мекунад.*

№15(392) / 27 сентябри соли 2023

Аз январи соли 1998 нашр мешавад.

**Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**



www.mehnat.tj   Rrohnamo@mail.ru   +992 93-483-36-36   Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон


## МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



30 август дар бинои Ҳукумати мамлакат таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд.

Дар кори маҷлис нахуст Дар бораи амалигардонии қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба "Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо" ҳисоботи раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зист Баҳодур Шерализода шунида шуд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор кард, ки Кумитаи тадорукот оид ба амалигардонии қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба "Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо" ҷиҳати амалисозии Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии ибтикороти панҷуми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эълон шудани "Соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо" дар муҳлатҳои муқarраргардида тадбирҳои амалӣ андешад.

Сипас, лоиҳаҳои як қатор қонунҳо баррасӣ гардида, барои муҳокима ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

Дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор масъалаҳои дигар, аз қабили Дар бораи Барномаи давлатии рушди илмию инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дар бораи Барномаи давлатии солимии репродуктивӣ барои солҳои 2023-2027, Дар бораи Барномаи миёнамуҳлати рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 ва Дар бораи Барномаи миёнамуҳлати тайёр кардани кадрҳои касбии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ барои солҳои 2023-2027 баррасӣ гардиданд.

Супоришҳои дигар ба Ҳукумати кишвар ва сохторҳои давлатӣ оид ба омодагӣ ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2023-2024, захираи маводи сӯзишворӣ, кабудизоркунӣ, беҳдошти муҳити зист, истифодаи самараноки заминҳои кишт, захираи кофии маҳсулоти кишоварзӣ, истиқболи сазовори ҷашни муқаддаси Истиқлолият дар саросари кишвар, вусъати корҳои ободонию созандагӣ ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ва дигар тадбирҳои бунёдкорӣ дода шуд.

**Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ: 231-49-19**


**ҲУКУМАТ** 2

БАРНОМАИ МИЁНАМУҲЛАТИ РУШДИ ШУҒЛИ ПУРМАҲСУЛ БА ТАСВИБ РАСИД



**ҲАМКОРӢ** 3

ҶАЛАСАИ ШӮРОИ ҲАМОҲАНГСОЗ



**ТАҲЛИЛ** 5

МУҲОҶИРАТИ БОЗГАШТ



**ДОҒИ РӮЗ** 6

"МО НАБОЯД ФАРОМӮШ КУНЕМ, КИ..."



Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шуғл ва МУҲОҶИРАТ

# ҚАРОРИ

## Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

### Дар бораи Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи моддаи 12 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад.

2. Ба зиммаи Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва амалисозии сиёсати ягонаи давлатӣ дар самти таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ вогузор карда шавад.

3. Шумораи ниҳоии кормандони Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби ихтисори воҳидҳои корӣ дар ташкилотҳои буҷетӣ 42 воҳид (бе ҳайати хизматрасон) муқаррар карда шавад.

4. Ба Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад, ки 2 муовини раис, аз ҷумла як муовини якум дошта бошад, инчунин ҳайати мушовараро иборат аз 7 нафар ташкил намояд.

5. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар



муҳлати як моҳ ихтисори воҳидҳои кориро дар ташкилотҳои буҷетии дахлдор тибқи тартиби муқарраргардида таъмин намояд.

6. Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- дар муҳлати ду моҳ низомнома, сохтор ва номгӯйи ташкилотҳои низоми Кумитаро таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод намояд;

- якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор дар муҳлати се моҳ тибқи тартиби муқарраргардида оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон таклиф пешниҳод намояд.

7. Маблағгузории Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, ҷумҳуриявӣ ва маблағҳои дигар дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шавад.

8. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бинои маъмурӣ чораҳои зарурӣ андешад.

**Раиси**
**Ҳукумати Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон**

**ш. Душанбе, аз 6 сентябри соли 2023, №429**

# ҚАРОРИ

## Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

### Дар бораи Барномаи миёнамуҳлати рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027

Мутобиқи моддаҳои 4 ва 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад**

1. Барномаи миёнамуҳлати рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 ва Нақшаи амали солҳои 2023-2025-и Барномаи миёнамуҳлати рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо амалисозии Барномаи мазкур ва Нақшаи амали онро таъмин карда, ҳар сол то 1 январ ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

3. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба рафти иҷрои Барномаи мазкур ва Нақшаи амали он ҳар сол то 1 феврал ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

**Раиси**
**Ҳукумати Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон**

**ш. Душанбе, аз 31 августи соли 2023, № 419**

# ШАРҲУ ТАВЗЕҲ

### ба «Барномаи миёнамуҳлати рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027"

Барномаи миёнамуҳлати рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 дар заминаи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», мутобиқи моддаҳои 4 ва 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» ва банди 2 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2022, №263 «Дар бораи Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» таҳия гардидааст. Барномаи мазкур бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2023, таҳти №419 ба тасвид расид.

Барнома фарогири тадбирҳое мебошад, ки бевосита аз муҳтавои Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 бармеоянд ва татбиқи босамари он имконият фароҳам меорад, ки тадриҷан дар ҷумҳурӣ истеҳсоли молу маҳсулот ва хизматрасониҳо бо арзиши баланди изофашуда афзоиш ёбад ва дар заминаи он рақобатпазирии молу маҳсулот ва хизматрасониҳо дар бозори истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ таъмин карда шавад.

Дар баробари ин, шароити мусоид барои тадриҷан баланд бардоштани музди меҳнат, ҳифзи иҷтимоии кормандон муҳайё шуда, ба ин васила сатҳи зиндагии аҳолӣ беҳтар мегардад.

Дар натиҷаи татбиқи чорабиниҳои Барнома давоми солҳои 2023-2027 натиҷаҳои зерин ба даст оварда мешаванд:

- афзоиши миёнаи солонаи нишондиҳандаи «маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар нафари машғули кор» 7,5 дарсадро ташкил медиҳад;

- афзоиши миёнаи солонаи нишондиҳандаи «музди миёнаи меҳнати моҳонаи як корманд» 8,0 дарсадро ташкил медиҳад;

- ҳиссаи ҳадди ақали музди меҳнати моҳона дар таркиби музди миёнаи меҳнати моҳона ҳамасола ба ҳисоби миёна 2,0 дарсад меафзояд;

- ҳиссаи гирандагони музди меҳнати ҳадди ақал дар шумораи умумии кормандон ҳамасола ба ҳисоби миёна 2,0 дарсад коҳиш меёбад;

- таносуби музди миёнаи меҳнати моҳонаи занон нисбат ба ҳамин нишондиҳанда барои мардон ҳамасола ба 3,5 дарсад афзоиш меёбад;

- шумораи аҳолии машғули кор ҳамасола ба ҳисоби миёна 2,0 дарсад ва ба 110,0 ҳазор нафар зиёд мешавад;

- камшавии нишондиҳандаи «ҳиссаи аҳолии машғули кор дар захираҳои меҳнатӣ» бозистода, дар охири соли 2027 рӯ ба афзоиш меорад;

- нишондиҳандаи «бекорон/ҷойҳои кории холӣ» ҳамасола ба ҳисоби миёна 2,0 дарсад коҳиш меёбад;

- шумораи муроҷиаткунандагон ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ҳамасола ба ҳисоби миёна 5,0 дарсад меафзояд;

- ҳиссаи ҷойҳои кории пурмаҳсул дар таркиби ҷойҳои кори нави таъсисдодашуда ҳамасола ба ҳисоби миёна 5,0 дарсад меафзояд;

- афзоиши миёнаи солонаи нишондиҳандаи «ҳиссаи корхонаҳои нави таъсисдодашуда дар шумораи умумии корхонаҳои амалкунанда» 2,5 дарсадро ташкил медиҳад;

- афзоиши миёнаи солонаи нишондиҳандаи «шумораи шахсони ба роҳнамоии касбӣ фарогирифташуда» 5,0 дарсадро ташкил медиҳад;

- ҳиссаи бахши кишоварзӣ дар шумораи умумии аҳолии машғули кор ҳамасола ба ҳисоби миёна 0,5 дарсад кам мешавад;

- афзоиши миёнаи солонаи нишондиҳандаи «шумораи соҳибкорони хусусӣ» ҳамасола 2,5 дарсадро ташкил медиҳад;

- нишондиҳандаи «иштироки аҳолӣ дар қувваи корӣ» ҳамасола ба ҳисоби миёна 2,5 дарсад меафзояд;

- афзоиши миёнаи солонаи нишондиҳандаи «маблағи интиқолдодашуда ба як нафар муҳоҷири меҳнатӣ» 7,0 дарсадро ташкил медиҳад;

Татбиқи чорабиниҳои Барнома аз ҳисоби маблағҳои барои сиёсати шуғл пешбинигардида ва дастгирии молиявии шариконии рушд амалӣ мегардад.

**Раёсати бозори меҳнат**
**ва шуғли аҳолии**
**ВММША ҶТ**

Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ: 236-96-02

# ҶАЛАСАИ ШӮРОИ ҲАМОҲАНГСОЗ

## оид ба ҳамкорӣ бо диаспораҳои тоҷикон ва ҳамватанони бурунмарзӣ

13 сентябри соли 2023 дар Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсоз оид ба ҳамкорӣ бо диаспораҳои тоҷикон (ҷамъиятҳои тоҷикон) ва ҳамватанони бурунмарзии назди вазорат бо иштироки вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулнора Ҳасанзода, муовинони вазирони меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, намояндаи корҳои хориҷӣ, маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори раёсати банакшагирӣ ва арзёбии барномаҳои рушди маҳали Кумитаи рушди маҳал ва дигар вазорату идораҳо, намояндаи "Ширкати консалтингии Тоҷикистону Ҷопон" ва роҳбарони ташкилотҳои ҷамъиятӣ - диаспораҳои тоҷикон ва ҳамватанони бурунмарзӣ аз Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, ИМА, Британияи Кабир, давлати Қатар ва Подшоҳии Нидерланд ба таври ҳузурӣ ва маҷозӣ баргузор гардид.

Дар ҷаласа тибқи рӯзнома рафти иҷрои қарорҳои протоколи №1 маҷлиси Шӯрои ҳамоҳангсоз оид ба ҳамкорӣ бо диаспораҳои тоҷикон (ҷамъиятҳои тоҷикон) ва ҳамватанони бурунмарзии назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 сентябри соли 2022 мавриди баррасӣ қарор гирифта, гузориши намояндагони вазорату идораҳои масъул шунида шуд.

Қайд гардид, ки рафти иҷрои бандҳои Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалигардонии Консепсия дар бораи ҷалби ҳамватанони бурунмарзӣ ҳамчун шарикони рушди кишвар барои солҳои 2021-2025 дар мавзуи имкони иштирок дар таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои маҳаллии сармоягузорӣ, ҷалби дороии (сармояи) диаспораҳои тоҷикон (ҷамъиятҳои тоҷикон), соҳибкорон, ҳамватанони бурунмарзӣ ва муҳоҷирони меҳнатӣ барои рушди соҳаҳои саноат, сайёҳӣ, тандурустӣ, маориф, хизматрасонии иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон басо муҳим мебошад.

Роҳбарону намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ - диаспораҳои тоҷикон ва ҳамватанони бурунмарзӣ дар муҳокимаи масъалаҳо, аз ҷумла рӯнамои сомонаи интернетӣ бо мақсади робитаи доимӣ ва ташаккули хазинаи иттилоотию таҳлилӣ дар бораи диаспораҳои тоҷикон (ҷамъияти тоҷикон) ва ҳамватанони бурунмарзӣ, ки аз ҷониби ҶДММ "Ширкати консалтингии Тоҷикистону Ҷопон" муаррифӣ гардид, фаъолона иштирок намуда, пешниҳодҳои худро манзур намуданд.

Ҳамчунин, дар фарҷоми ҷаласа як қатор намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва диаспораҳои тоҷикон (ҷамъиятҳои тоҷикон) бо Сипоснома ва Ифтихорномаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ қадрдонӣ карда шуданд.







# БАРРАСИИ ВАЗЪИ ОМОДАГӢ БА МАВСИМИ ТИРАМОҲУ ЗИМИСТОНИ СОЛҲОИ 2023-2024



**22 сентябри соли 2023 маҷлиси ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳасанзода Гулнора Кенҷа баргузор шуда, масъалаи омодагии вазорат ва сохторҳои он ба мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2023-2024 мавриди баррасӣ қарор гирифт.**

Оид ба масъала гузориши роҳбари ситоди доимоамалкунанда барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2023-2024 дар вазорат, муовини вазир Давлатзода Қиёмиддин оид ба вазъи омодагӣ ба зимистонгузаронӣ дар сохторҳои вазорат ва муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии системаи он шунида шуд.

Вазъи омодагӣ ба зимистонгузаронӣ, дар маҷмуъ қаноатбахш арзёбӣ гардида, барои бартараф намудани баъзе камбудиҳои ҷойдошта ба масъулин то 1 октябри соли 2023 мӯҳлат дода шуд ва аз натиҷаи баррасии масъала қарори дахлдор қабул гардид.

Маҷлиси ҳайати мушовара дар идома фаъолияти 8 моҳаи сохторҳои вазоратро мавриди баррасӣ қарор дод.

Доир ба натиҷаҳои фаъолият Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Хадамоти муҳоҷират, Агентии меҳнат, ва шуғли аҳолӣ гузориши сардорони сохторҳо шунида шуда, барои тақвияти фаъолият супоришҳои мушаххас дода шуданд.

# ҶАЛАСАИ ГУРӮҲИ КОРИИ БАЙНИДОРАВӢ

**20 сентябри соли 2023 дар маҷлисгоҳи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи Гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи «Созишномаи генералии байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияҳои корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2026» бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои дахлдор баргузор гардид.**

Бояд ёдовар гардид, ки соли сеюм аст, ки қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2020, № 701 "Дар бораи маъқул донистани Созишномаи генералӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2023" ва Нақшаи чорабиниҳои он мавриди амал қарор дорад.

Созишномаи генералии мазкур ва Нақшаи чорабиниҳои татбиқи он аз 11 бахш ва 79 банд нақшаи чорабиниҳо иборат буда, барои иҷрои ҳар банди он вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ҳокимияти давлатӣ ва шарикони иҷтимоӣ масъул мебошанд.

Дар идомаи ҷаласа барои таҳияи «Созишномаи генералии байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияҳои корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2026» аз тарафи масъулини вазорат рунамои бо фарогирии сохтори он ба ҳозирин муаррифӣ карда шуд.

Аз ҷониби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор барои мукаммал намудани лоиҳа таклифу пешниҳодҳои мушаххас пешниҳод гардид.

МД «Маркази таълими калонсолон»: 250-35-42, 250-35-44

Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шуғл ва МУҲОҶИРАТ

# КОРҲОИ ФАҲМОНДАН

## (Хулосаи номаҳо аз бахшу шуъбаҳои Хадамоти муҳоҷирати шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ)

Тибқи Нақша-чорабиниҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб дар ҳамбастагӣ бо бахшҳои Хадамоти муҳоҷират, дин, танзими анъана ва чашну маросим, шуъбаи маориф ва намояндагии Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон «Созандагони Ватан» дар деҳоти дурдасти ҷамоати деҳоти Зидеҳи ноҳияи Варзоб ва ҷамоати деҳоти Варзоб - Қалъа вохӯрии судманд бо сокинон, муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо баргузор гардид.

Зимни мулоқот муовини раиси ноҳияи Варзоб Хоҷазода Фарзона, мудири шуъбаи маориф Ғоибзода Саодат, мудири бахши дин, танзими анъана ва чашну маросим Шарифзода Илҳомҷон, сардори бахши Хадамоти муҳоҷират Олимзода Орифҷон дар бораи баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқию сиёсӣ ва фарҳангии шаҳрвандон, тарбияи ахлоқию хештаншиносии аҳолӣ, будубоши муҳоҷирони меҳнатӣ - шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия ва дигар давлатҳои қабулкунанда, хатарҳои сироятёбӣ аз бемории вируси норасоии масунияти одам дар раванди муҳоҷират, воситаҳои пешгирӣ, ташхису табобати он дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ, муқовимат ба экстремизм ва терроризм, муқовимат бо коррупсия, мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, фарогирии аҳолӣ бо касбомӯзӣ ва шуғли пурмасъул, сафарбар намудани шаҳрвандони кишварамон ба ширкатҳои сохтмонии ҶСК НБО «Роғун» ва дигар масъалаҳои мубрами рӯз суханронӣ намуданд.

Тавре Дилфуза Қаландарова, сармутахассиси шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Ҷаббор Расулов хабар медиҳад, тибқи нақшаи чорабиниҳои муштараки шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ва Шӯрои иттифоқҳои касабаи вилояти Суғд барои 200 нафар намояндагони соҳаҳои маориф, тандурустӣ, сохтмон, кишоварзӣ, ташкилотҳои буҷетӣ ва дигар ташкилотҳои хусусӣ семинари омӯзишӣ баргузор гардид.









Дар семинар мутахассиси шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Ҷаббор Расулов Д. Қаландарова, роҳбари дастгоҳи раиси Шӯрои иттифоқи касабаи вилояти Суғд М. Аббосова, мудири шуъбаи ҳифзи ҳуқуқи Шӯрои иттифоқи касабаи вилояти Суғд И. Бузуруков, муовини раиси Кумитаи иттифоқи касабаи комплекси агросаноатии вилояти Суғд Ҳ. Раупов ва раиси Шӯрои ҳамоҳангсозии иттифоқи касабаи ноҳия У. Устопиров суханронӣ намуданд.

Бо ибтикори шуъбаи Хадамоти муҳоҷират дар ноҳияи Данғара низ бо сокинон муолоқоти судманд баргузор гардид. Зимни вохӯрӣ кормандони шуъба ба ҳозирин оид ба будубоши муҳоҷирони меҳнатӣ ба кишвари Федератсияи Россия ва дигар давлатҳои хориҷӣ ва пешгирии бемориҳои сироятӣ ҳангоми фаъолияти меҳнатӣ маълумоти мушаххас пешниҳод намуданд.

Бо ибтикори шуъбаи Хадамоти муҳоҷират дар шаҳри Кӯлоб вохӯрии навбатӣ бо сокинон, муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо дар ҷамоати деҳоти Зарбдор баргузор гардид. Дар вохӯрӣ 12 нафар раисони маҳалла ва 61 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ ширкат намуданд.

Зимни суханд намояндаи шуъбаи Хадамоти муҳоҷират вобаста ба баргузории корҳои фаҳмондан дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ ва оилаи онҳо, пешгирии пайвастани муҳоҷирон ба гурӯҳҳои экстремистию террористӣ, одамрабоӣ ва сафарбар намудани муҳоҷирони баргашта бо ҷойи кор дар ширкатҳои ватанӣ ва иншоотҳои сохтмонии НБО Роғун мухтассар маълумот пешниҳод намуд.

Инчунин дар мулоқот дар мавриди “Стратегияи давлатии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, пешгирии ҷавонон аз ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ, ҷиноятгорӣ, туздӣ, оворагардӣ ва авбошӣ сухан рафт. Оид ба бемориҳои сироятӣ бошад, муроҷиат карда шуд, ки ҳангоми аз муҳоҷирати меҳнатӣ ба ватан баргаштан, муҳоҷирон ҳатман аз ташхиси Маркази Вич/СПИД гузаранд, ки зарари худро ба аҳли хонаводаи худ нарасонанд.

Кормандони шуъба дар фурудгоҳи байналмилалии шаҳр низ оид ба татбиқи дастуру супоришҳои раҳбарияти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус пеш бурдани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни муҳоҷирони меҳнатиро, ки азми сафари кишвари Федератсияи Россия ва дигар давлатҳои хориҷа доранд, пурзӯр кардаанд. Пеш аз ҳама, мусофироне, ки тавассути тайёра ба минтақаҳои гуногуни Федератсияи Россия сафар мекунанд, бо муқаррароти қонунҳои нави кишвари Россия дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ комилан ошно карда мешаванд.

Тавре аз номаҳои ба нашрия воридшуда маълум мегардад, Дар давоми моҳҳои август-сентябри соли равон шуъбаҳои Хадамоти муҳоҷират дар шаҳрҳои Кӯлоб, Панҷакент, Гулистон, Исфара, Норак ва бахшҳои Хадамоти муҳоҷират дар ноҳияҳои Айнӣ, Ашт, Ҷаббор Расулов, Деваштич ва Муминобод маштарак бо шуъбаҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳои ҳудуди шаҳру ноҳияҳо низ ҳамингуна корҳои фаҳмониданро ба аҳолӣ баргузор намуданд.

**Хабарнигори мо**

**Дар аксҳо: ҷараёни вохӯриву мулоқоти кормандони бахшу шуъбаҳои Хадамоти муҳоҷирати шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ дар байни аҳолӣ.**



МД «Агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷа»: 221-40-15

# МУҲОҶИРАТИ БОЗГАШТ

**Дар мақолаи зер омилҳое, ки ба муҳоҷирати бозгашт таъсир мерасонанд, баррасӣ гаштаанд. Дар он пешниҳодҳо оид ба дастгирии иҷтимоию иқтисодии шаҳрвандоне, ки аз муҳоҷирати меҳнатӣ бозгашт намудаанд, манзур карда мешаванд.**

### Панҷ категория

Дар раванди ҳамгироӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соҳибихтиёрӣ ба даст овардааст, ҳамчун давлати соҳибистиқлол шартномаву конвенсияҳои байналмилалиро ба имзо расонд, ки санадҳои асосии ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошанд.

Дар танзими муҳоҷирати бозгашт ба қонунгузории миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол, рушди онҳо мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва ухдадориҳои байналмилалӣ нақши назаррас доранд. Қонунгузории дахлдори байналмилалӣ ва минтақавӣ метавонад ба давлатҳо оид ба риояи ҳуқуқҳои муҳоҷирон дар раванди муҳоҷирати бозгашт роҳнамоии иловагӣ диҳад.

Масъалаҳои муҳоҷирати бозгашт ва реинтегратсияи муҳоҷирони кории баргашта мунтазам дар ҷаласаҳои Комиссияҳои байниҳукуматӣ ва гурӯҳҳои корӣ оид ба ҳамкориҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои шарик ва ташкилотҳои байналхалқи баррасӣ мешаванд. Муҳоҷирати бозгашт дар кишвар як тамоюли нав ва ҷорӣ аст.

Аз нуктаи назари идоракунии муҳоҷирати бозгашт дар давраи аз соли 2019 то 2022 панҷ категорияи муҳоҷирони бозгашта ҷудо карда шудаанд:

Гурӯҳи якум: шаҳрвандоне, ки дар давраи пандемия аз муҳоҷирати меҳнатӣ баргаштаанд.

Тадбирҳои иҷборӣ дар давраи пандемия ба рафтани муҳоҷирони корӣ аз Тоҷикистон ба Федератсияи Русия ва Қазоқистон таъсири ниҳоят манфӣ гузоштанд. Дар давраи пандемия тақрибан 350,1 ҳазор муҳоҷири меҳнатии бозгашта натавонист ба хориҷа барои кори муваққатӣ равад.

Тадқиқот нишон дод, ки аксарияти мутлақи онҳоро (57%) ҷавонон ва миёнасолон ташкил медиҳанд, ки 77% оила доранд.

Гурӯҳи дуюм - дар робита ба ҷорӣ кардани амалиёти вижаи низомӣ дар Украина баргаштанд. Таҳримҳои иқтисодии Ғарб алайҳи Русия дар робита ба амалиёти вижа ба тезъдоди муҳоҷирони кории баргашта таъсири манфӣ гузоштааст.

Гуруҳи сеюми муҳоҷирони кории бозгашта он шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ки бо сабаби вайрон кардани қонунгузории муҳоҷирати ин кишвар, қоидаҳо ва шартҳои будубош, сари вақт тарк накардан аз Федератсияи Русия пас аз анҷоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вуруд ба Федератсияи Русияро манъ кардаанд. Гузаштани муҳлати будубоши муваққатӣ, мавҷуд будани ду ё зиёда ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, саркашӣ аз пардохти андоз ё пардохти ҷаримаи маъмурӣ ва ғайра.

Тибқи маълумоти Хадамоти муҳоҷирати назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 167 ҳазору 825 нафар шаҳрванди Тоҷикистон, ки меъёрҳои қонунгузории Федератсияи Русияро вайрон кардаанд, ошкор карда шудааст. Ихроҷшудаҳо 60%-ро ташкил медиҳанд.

Гурӯҳи чорум бо сабаби бад шудани ахволи саломатӣ баргаштанд. Тадқиқоте, ки аз ҷониби кормандони СБМ дар соли 2021 оид ба мушкилоти саломатӣ бо 365 муҳоҷири бозгашта гузаронида шуда буд, нишон дод, ки 26% пурсидашудагон дар бораи вазъи саломатии марбут ба муҳоҷират изҳори назар кардаанд, 15% пурсидашудагон худро маъюб мешуморанд ва 35% пурсидашудагон изҳор доштаанд, ки пас аз бозгашт ба стресс ва эҳсосоти шадид дучор мешаванд. Ин категорияи шаҳрвандон ба ёрии махсуси тиббӣ эхтиёҷ доранд.

Гурӯҳи панҷум – бозгашт бо фармони Президенти Русия дар бораи сафарбаркунии қисман дар робита ба баргузории амалиёти вижа дар Украина мусоидат кардааст. Мутобиқи ин Фармон сафарбаркунии қисман ба шаҳрвандони душаҳрвандӣ низ дахл хоҳад кард. Тибқи омор шумораи шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ки душаҳрвандӣ доранд, ҳудуди 500 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Барои ба сафарбар нашудан қисми шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ки дар синни ҳарбӣ душаҳрвандӣ доранд, якҷоя бо оилаҳои худ ба Ватан бармегарданд.

### Манфиат аз муҳоҷирони бозгашта

Муҳоҷират на танҳо ба кишварҳои қабулкунанда, балки ба кишваре, ки қувваи корӣ таъмин мекунад, низ таъсир мерасонад. Муҳоҷирон пайвандгари байни кишварҳои аслӣ ва кишварҳои таъиншуда буда, дар рушди ин кишварҳо саҳми арзанди иқтисодӣ мегузоранд.

Муҳоҷирони бозгашта метавонанд ба тағйироти прогрессивии иҷтимоӣ ва рушди иқтисодии маҳаллӣ саҳм гузоранд, зеро аксари муҳоҷирон бо дониш ва технологияи нав бармегарданд. Муҳоҷирони корӣ дар Русия тавонистанд ихтисоси худро такмил диҳанд. Ин на танҳо ба муҳоҷирони баландихтисос, балки ба онҳое низ дахл дорад, ки дар ҷойҳои пастихтисос кор мекарданд.

Муҳоҷирон ҳангоми кор дар хориҷа, бахусус дар шаҳрҳои калон сармояи иҷтимоӣ ва фарҳангии худро инкишоф медиҳанд. Вақте ки онҳо ба Тоҷикистон бармегарданд, онҳо тахрикдиҳандаҳои асосии дониш ва рафтори нав мешаванд, ки ба рушди иқтисодии ҷомеа мусоидат мекунанд.

Дар Тоҷикистон сохтмони биноҳои истиқоматӣ, меҳмонхонаҳо, марказҳои савдо, марказҳои тиҷоратӣ, неругоҳҳои барқӣ ва роҳҳо сохта шуда истодааст. Аксарияти бинокорон дар ин сохтмонҳо мутахассисоне мебошанд, ки дар муҳоҷирати меҳнатӣ касбҳои сохтмонӣ андӯхтаанд. Ин падида мусбат аст.

### Дастгирии иҷтимоию иқтисодии муҳоҷирони меҳнатии баргашта

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ҷиҳати дастгирии иҷтимоию иқтисодии муҳоҷирони кории баргашта тадбирҳои зарурӣ меандешад.

Дар ин самт бо мақсади таъмини шаҳрвандони мо бо кори муваққатии мавсимӣ дар асоси созишномаи имзошуда байни Муассисаи давлатии Марказҳои машваратӣ ва таълими пеш аз сафар барои муҳоҷирони меҳнатӣ ва ширкати бритониёии Pro-Force 367 нафар шаҳрвандон сафарбар карда шуданд, ки дар соли 2022 дар соҳаи кишоварзӣ кор кунанд.

Соли 2022 ёддоштҳои ҳусни тафоҳум ба имзо расидаанд: байни Муассисаи давлатии «Марказҳои машваратӣ ва омӯзиши пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ» ва Хадамоти муҳоҷирати шаҳри Сангҷуи Кореяи Ҷанубӣ оид ба ҷалби коргарони мавсимӣ аз ҷумҳурӣ. Созишномаҳои ҳамкорӣ барои муҳоҷирони кории баргашта имкон медиҳад, ки бозори нави меҳнати берунаро кушояд.

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зарурӣ меандешад, то шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ки мехоҳанд дар асоси қонунӣ ба хориҷа барои кор раванд, ҳуҷҷатҳои заруриро бобати будубош ва кор дар хориҷа саривақт ва бея гон душворӣ дастрас намоянд.

Дастгирии иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ, ки ба Ватан баргаштаанд, дар доираи барномаи хизматрасонии иҷтимоӣ, шуғл ва таълими касбии шаҳрвандоне, ки аз муҳоҷирати меҳнатӣ баргаштаанд, сурат мегирад.

Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар доираи ин барнома бо муҳоҷирони кории баргашта, ки расман ба хадамоти шуғли аҳолӣ муроҷиат намуда, мақоми бекорро гирифтаанд, кор мебарад. Ба онҳо хамчун бекорон тамоми намудҳои хидматрасонӣ барои мусоидат ба шуғл таъмин карда мешавад. Дастгирии иҷтимоии онҳо дар доираи барнома тадбирҳои зеринро дар бар мегирад: шуғл дар дохили кишвар; бозомӯзӣ; ҷалб намудан ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок; додани қарзҳои имтиёзнок барои ташкили тиҷорати шахсии худ.

Ташкили раванди таълим ва шуғли муҳоҷирон мутобиқи талаботи бозори меҳнат мушкили мутобиқшавии иҷтимоии муҳоҷирон, кам кардани омилҳои хавфе, ки муҳоҷиронро бештар осебпазир ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ бе ҳифзи иҷтимоӣ мегардонад, мусоидат менамояд.

Дар маҷмуъ, барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва ҳалли вазифаҳои асосӣ оид ба проблемаи муҳоҷирони меҳнатии баргардондашуда андешидани тадбирҳои тактикӣ аз манфиат холӣ нестанд.



**У.С. Раимдодов,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**мудири шуъбаи**
**Муассисаи давлатии**
**«Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»**

МД «Марказҳои машваратӣ ва омодагӣ»: 225-05-75, 225-02-21

# “МО НАБОЯД ФАРОМӮШ КУНЕМ, КИ...”



Ба наздикӣ Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ҷиҳати дар амал татбиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” таҳти унвони “Саҳми мо дар пешгириву маҳкумсозии ифротгароӣ” ва бо иштироки Подполковники милитсия, сардори шуъбачаи кушодани ҷиноятҳои солҳои пешини Шуъбаи пешгирӣ ва барҳамзании ҷиноятҳои хусусияти террористидоштаи Раёсати мубориза бар зиддии ҷиноятҳои мутташакили (РМЗҶМ) Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумъазода Рустам Ҷумъа семинар-машварат баргузор намуд.

Чорабинии мазкурро директори Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ Ашуралӣзода Абдураҳмон Ашуралӣ ифтитоҳ намуд.

Дар рафти чорабинии мазкур намояндаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумъазода Рустам Ҷумъа вобаста ба мавзуи “Таснифи умумии ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” суханронӣ намуда, изҳор дошт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори кишварҳои дигари минтақа таҳдидҳои афзояндаи экстремизм ва терроризмро ба амнияти миллӣ ва рушди босуботи худ эҳсос менамояд. “Бинобар ин, – гуфт суханвар, – мо бояд ватандӯсту ватанпараст бошем ва ҳаргиз фаромӯш насозем, ки эҳсоси гарми ватандӯстӣ ва хисси баланди миллӣ омили асоситарин ва роҳи муҳимтарини рушди давлат ва ҷомеа мебошанд”.

Дар фарҷоми чорабинӣ А.А. Ашурализода зикр намуд, ки барои иҷрои вазифаи муқаддас ва адои ин қарзи имонӣ, фақат бо меҳнати ҳалол, софдилона ва фидокорона метавонем давлати ҷавону соҳибистиқлоли худро обод созем, тараққӣ диҳем, пояҳои давлатдориамонро мустаҳкам намоем ва мақому обрӯи Тоҷикистони азизамонро дар арсаи байналмилалӣ баланд бардорем.

**Шуъбаи ҳуқуқи дастгоҳи марказии Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ**

# ДАР ДОИРАИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ СОҲА

**Ба наздикӣ Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ барои роҳбарон ва кормандони бахши молияи мақомоти вилояти Хатлон (минтақаи Кӯлоб), ШНТҶ ва шаҳри Душанбе дар мавзуи “Санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳа, пешгирии ҳолатҳои хусусияти коррупсионидошта ва мубориза бо экстремизм ва тероризм” семинари омӯзишӣ баргузор намуд.**

Директори агентӣ А. Ашурализода чорабинии мазкурро ифтитоҳ намуда, дар ибтидо зикр кард, ки бо мақсади риояи дурусти низоми молиявӣ, ба роҳ мондани сатҳу сифати ҳуҷҷатгузориҳо, пешгирии ҳама гуна ҳолатҳои хусусияти коррупсионидошта, экстремистӣ ва тероризм аз тарафи мутахассисони варзида ва собиқадори агентӣ омӯзонидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ва стратегияҳо ба кормандони сохторҳои зертобеъ такони ҷиддӣ бахшида, дар пешрафти фаъолияти кор нақши калидӣ иҷро мекунанд.

Ин буд, ки директори агентӣ дар мавриди пешрафти кори соҳа, мушкилиҳои ҷойдошта дар самти қарздориҳо аз ҳисоби кумакпулиҳо оид ба кумаки иҷтимоӣ, тартиби дуруст ба роҳ мондани роҳхатҳо, бастани шартномаҳои коллективӣ, саривақт баргардонидани қарзҳои хурди имтиёзнок аз тарафи шаҳрвандони бекорро таъкид намуда, баҳри бартараф намудани онҳо ба масъулин супоришҳои мушаххас дод.

Дар раванди кори семинари омӯзишӣ муовини директор М. Искандарзода дар самти бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, сардорони раёсатҳо, шуъбаҳои ва мутахассисони агентӣ З. Иброҳимзода, Х. Саймуҳиддинзода, А. Абдуллозода, З. Зарифзода, Г. Мардонзода, Г. Пиров, Ғ. Мирзоев ва М. Наимов дар самтҳои ҳифзи меҳнат, нигоҳдории сохтор, тартиб ва таъини кумакпулиҳо оид ба кумакҳои иҷтимоӣ, дастурҳои методӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба татбиқи Стратегияи давлатии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва тероризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, тартиби таъин ва пардохти қарзҳои хурди имтиёзнок ба шаҳрвандони бекоре, ки хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ карданро доранд, роҷеъ ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2023 №125, рӯнамоии Барномаи бақайдгирии шаҳрвандони бекор, дарораду харочоти кумакпулиҳо барои давраи бекорӣ, қарзҳои хурди имтиёзнок ба шаҳрвандони бекор ва стипендия ба касбомӯзон суханронӣ намуданд.

Дар охири кори семинар аз ҷониби директори агентӣ А. Ашурализода ба масъулин дастуру супоришҳои зер дода шуд:

1. Роҳбарон ва масъулини мақомоти агентӣ дар вилояти Хатлон (минт. Кӯлоб), ШНТҶ ва шаҳри Душанбе:

– ҷиҳати саривақт бозпас намудани қарзҳои хурди имтиёзноки муҳлаташон гузашта чораҳои зарурӣ андешида, тартиби дурусти додани роҳхатҳоро дар мақомот риоя намоянд;

– то ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти агентӣ дар 9 моҳи соли 2023 бақияпулиҳои самти кумакпулии ба сарбозон ва маҳбусонро коҳиш дода, то анҷоми соли молиявӣ ҷиҳати ба пуррагӣ аз байн бурдани қарздории мазкур чораандешӣ намоянд;

– ҷиҳати татбиқи Стратегияи давлатии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва тероризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар мақомоти дахлдор иҷрои нақша-чорабиниҳои тасдиқшударо дар муҳлатҳои муайяншуда таъмин намуда, ба ҳолати нигоҳдории ҳуҷҷатгузориҳо дар чузвдонҳо, ки барои ин мақсадҳо кушода шудааст, диққати ҷиддӣ диҳанд;

– омодагиҳоро барои давраи тирамоҳу зимистони соли 2023-2024 дар сатҳи баланд таъмин намуда, камбудиҳои ҷойдоштаро то оғози мавсими сардиҳо бартараф намоянд.

2. М. Искандарзода, Х. Саймуҳиддинзода, З. Иброҳимзода, Г. Мардонзода:

– бо мақсади пешрафти фаъолияти кори соҳа азхудкунии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва додани тавсияву дастурҳоро оид ба татбиқи сатратегяҳои дар боло зикршуда ва дар доираи имкониятҳои молиявӣ баргузории семинарҳои омӯзиширо барои кормандони масъули мақомоти агентӣ дар вилоятҳои Суғду Халон ва ВМКБ то анҷоми соли молиявӣ ба таври интихобӣ роҳандозӣ намоянд.

**Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ**

# ДУШМАНИ МАККОРЕ БАРОИ ИНСОНИЯТ

**Асри бисту як агар аз як ҷониб бо армуғонҳои рушди технологию инноватсионӣ дар ҳаёти аҳли башар нақшгузор бошад, аз ҷониби дигар зоҳир гардидани равандҳои мухталифи сиёсию иҷтимоӣ дар қабои ҷараёни фарогири “ҷаҳонишавӣ” халқи оламро ба таҳлука андохтааст. Махсусан, зуҳуроти харобиовари экстремизму терроризм ҳанӯз дар ибтидои ин сада дар шаклу қолаби комилан нав дар сиёсатҳои духӯраю гуногунҷанбаи қудратҳои ҷаҳонӣ роҳ ёфт.**

Ин буд, ки бархе аз гурӯҳҳои тундгаро аз сӯи манфиатхоҳони қудратталаб дастгирӣ ёфтаву ҳаёти ороми мардумонро ба маҷрои ноороми кашониданд. Воқеан, шигифтовар ва мояи нигаронӣ он аст, ки баъзан чунин ҷараёну ҳаракатҳои иртиҷоӣ аз сӯи қудратҳое дастгириву пуштибонӣ мееёбанд, ки худ лофи демократия задаву ҳамеша аз боби ҳуқуқу озодиҳои инсон сухан мегӯянд. Албатта, чунин шеваи муносибат ва татбиқи сиёсати дугона дар нисбати равандҳои номатлуб кори ҷомеаи ҷаҳониро дар роҳи мубориза алайҳи чунин вабои аср беш аз пеш душвору мураккабтар мегардонад.

Бо дарки ҳамин нуктаи борик Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз соли 2000-ум дар доираи ҷаласаи сарони кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои исломӣ дар Қатар аз хатари сӯйистифода гардидани дини мубини ислом аз ҷониби гурӯҳу ҷараёнҳои мухталиф ҳушдор дода, таъкид доштанд, ки таълимоти исломӣ аз барномаҳои ҷараёнҳои ифротӣ фарсахҳо дур аст ва он ба исломи ҳақиқӣ алоқамандие надорад. Пешвои миллати мо чунин мавқеи қатъии худро дар роҳи шинохти аслии ислом дар марҳилаҳои баъдӣ низ нигоҳ дошта, аз минбарҳои баланди ҷаҳонӣ, аз ҷумла дар минбари Созмони Милали Муттаҳид таъкид намуданд, ки “Террорист Ватан, миллат ва мазҳаб надорад”.

Дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ Пешвои миллати мо бо изҳори нигаронӣ аз содир гардидани амалҳои мудҳиши террористӣ дар саросари дунё изҳор намуданд, ки: “Амалҳои даҳшатноки террористӣ, ки солҳои охир дар гӯшаҳои гуногуни олам содир гардида, боиси марги ҳазорон одамони бегуноҳ шуда истодаанд, возеҳ нишон медиҳанд, ки терроризм имрӯзҳо ба таҳдиди воқеиву ҷиддӣ ба амнияту суботи ҷаҳон ва пешрафти инсоният табдил ёфтааст. Инсоният дар симои терроризми байналмилалӣ бо душмани бераҳму шафқат ва маккоре рӯ ба рӯ омадааст, ки тамоми меъёрҳои ахлоқӣ ва арзишҳои умумиинсониро поймол карда, барои расидан ба ҳадафҳои худ аз ягон ваҳшоният рӯй намегардонад”.

Ба таъкиди Пешвои миллат фаъолияти ҳамоҳанги мақомоти қудратӣ дар роҳи решакан намудани ин зуҳурот метавонад ба суди кор бошад.

Воқеан, имрӯз мақомоти қудратии кишвар дар доираи барномаҳои давлатӣ барои пешгирӣ аз гароиши ҳамватанони мо ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ саъю талош карда истодаанд. Аз ин хотир, имрӯз вақти он расидааст, ки хатари гурӯҳу ҷараёнҳои ифротию террористиро пеш аз ҳама ба ҳайси хатаре барои худу хонаводаи худ ва Ватани азизи худ дарк намуда, дар роҳи мубориза бо он бетараф набошем.

**Аҳлиддин ОДИНАЗОДА, шаҳри Турсунзода**

**Раёсати Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Суғд: 834-22-6-51-99**

# ҲАМВАТАНОНИ БУРУНМАРЗӢ -
## шарикони боэътимоди рушди кишвар

**14 сентябри соли равон сардори Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ Нодирзода Иматшо як гурӯҳ роҳбарони марказҳои фарҳангӣ ва ҷамъиятҳои тоҷикони Федератсияи Россияро ба ҳузур пазируфт.**

Зимни вохӯрӣ сардори Хадамоти муҳоҷират вобаста ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, мусоидат ба ҳалли мушкилоти онҳо ва ҷалб намудани диққати соҳибкорон, ҳамватанони бурунмарзии шароитдошта ва муҳоҷирони меҳнатӣ ба саҳмгузорӣ дар ободонии диёр ибрози назар намуд. Аз ҷумла, гуфта шуд, ки минбаъд сохторҳои Хадамоти муҳоҷират ҳамкориро бо марказҳои фарҳангӣ ва ҷамъиятҳои тоҷикони бурунмарзӣ боз ҳам мустаҳкам хоҳад намуд.

Аз ҷониби худ, роҳбарони марказҳои фарҳангӣ ва ҷамъиятҳои тоҷикони кишвари Россия, азм доранд, ки ҳамкориро бо Хадамоти муҳоҷират мустаҳкам намуда, баҳри иҷрои вазифаву нақшаҳои созанда дар ҳамбастагӣ кӯшиш намоянд. Ҳамзамон онҳо пешниҳод намуданд, ки Шӯрои ҳамоҳангсоз оид ба ҳамкорӣ бо диаспораҳои тоҷикон (ҷамъиятҳои тоҷикон) ва ҳамватанони бурунмарзии назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар як сол ду маротиба вохӯрии ҳамватанонро баргузор намояд, то дар он масъалаҳои мубрами рӯз ҳаллу фасли худро пайдо намоянд.

Нодирзода Иматшо пешниҳод намуд, ки бояд марказҳои фарҳангӣ ва ҷамъиятҳои тоҷикони Федератсияи Россия ҷиҳати ҷамъ овардани маълумоти муфассал дар бораи ҳамватанон ва соҳибкорони бурунмарзӣ, ки дар корҳои ободонию созандагӣ, дастгирии табақаҳои ниёзманд, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ва бунёди иншоот дар дохили Тоҷикистон ё дигар кишварҳои хориҷӣ саҳми арзанда гузоштаанд, маълумоти муффасал пешниҳод намоянд.




Иқдомҳои наҷибонаи ҷамъиятҳои тоҷикони кишвари Россия, пеш аз ҳама, аз суханрониҳои созандаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегиранд, зеро ба таъкиди Сарвари давлат дар рӯзҳои сахту вазнин дасти ёрию кумак дароз намудан ба эҳтиёҷмандону ниёзмандон аз некӯтарин амалҳои хайру савоб ба шумор меравад. Чунин ҳимматбаландию дастгирии ҳамватанон дар шароити кунунӣ бори дигар аз ҳувияти баланду некӯкории мардуми тоҷик дарак медиҳад.

**Маркази матбуоти Хадамоти муҳоҷират**

**Эълон!**

**Нашрияи "Шуғл ва муҳоҷират" ба маълумоти хонандагон мерасонад:**
Нафаре, ки аввалин ҷавоби сканвордро дуруст пур карда, ба нашрия мерасонад, бо мукофотпулӣ қадрдонӣ карда мешавад.
Почтаи электронии мо - **Rrohnamo@mail.ru**; +992 93-483-36-36



## «КОХИ НАВРӮЗ» - ЯКЕ АЗ 8 МУЪҶИЗАИ СҲШ



## ТО ПУШАЙМОН НАШАВӢ

Эмӣ Чет Гарднер ба духтараш, ки бори аввал ба мактаб мерафт, маслиҳат дод, ки аз дохили лӯлача хамираи дандонро бибарорад. Замоне ки духтараш аз иҷрои ин вазифа баромад, Эмӣ хоҳиш кард, ки кӯдак дубора онро дохили лӯла бикунад.

– Вале ин ғайриимкон аст. Чизе ба ҳолати аввала барнамегардад! - ҷавоб дод духтарак

– Ин ба ту меомӯзад, ки дар ҳарф гуфтан ҷиддӣ бошӣ, - оромона ба кӯдак фаҳмонд Эмӣ. – Ту бо сухан метавонӣ дигаронро хафа созӣ, таҳқир бикунӣ, тӯҳмат занӣ ва онҳоро биранҷонӣ. Ҳамчунин, бо сухан имкон дорӣ, ки нафареро шифо диҳӣ, ҳавасманд намоӣ ва илҳом бубахшӣ. Монанд ба хамираи дандон ҳарфи аз даҳон беруномадаро наметавон баргардонд.

**Таҳияи Н. РАҲМОН**

## ТУ БАРОИ МАН ТАМОМИ ҶАҲОН ҲАСТӢ

Имрӯз писарам маро ба оғӯш гирифта гуфт:

– Ту беҳтарин модар дар ҷаҳон ҳастӣ!

Ман ба ӯ гуфтам:

– Оё ту ҳама модарони дунёро мешиносӣ, ки ба чунин хулоса омадӣ?

Ӯ боз ба ҳамон самимият ҷавоб дод:

– Ту барои ман тамоми ҷаҳон ҳастӣ!

**Таҳия Л. РИЗОӢ**

## ШУМО ҲЕҶ ГОҲ ДАСТАМРО РАҲО НАМЕКУНЕД!

Падар ба духтараш ҳангоми аз пул гузаштан мегӯяд:

- Дастамро бигир, то наафтӣ.

Духтарак ба падараш ҷавоб медиҳад:

- Не падар, беҳтараш ту дасти маро гир.

Падар ҳайрон шуда мепурсад:

- Чӣ фарқ дорад, фарзандам?

Духтарча ҷавоб медиҳад:

- Агар ман дастатро бигирам ва ҳодисае рух диҳад, метавонам дасти шуморо раҳо кунам, вале агар дасти маро шумо бигиред, новобаста аз он ки чи мешавад, шумо ҳеҷ гоҳ дастамро раҳо намекунед!

**Таҳия М. ЗУБАЙДОВА**

## ФИЛМЕ, КИ НАМОИШАШ 57 СОЛ ТУЛ КАШИД

Шояд таҳиягарони ин филм чунин ният надоштанд, вале намоиши он дар шабакаи телевизионии CBS (ИМА) 20 июни сли 1952 оғоз ёфта, ниҳоят 18 сентябри соли 2009 ба охир расид.

Аз ин рӯ, «Рушноии раҳнамо» («Guidinq Liqht») дар таърих ҳамчун тулонитарин силсилафилми телевизионӣ шинохта шуда, ба Китоби рекордҳои Гиннесс ворид мешавад.

Филми мазкур аз 18 262 қисмат иборат буда, ҳар яки он аз 30 (солҳои 1968-1977) то 60 дақиқа (солҳои 1978-2009) идома меёбад. Тавре иттилоъ дода мешавад, тули 57 соли намоиш силсилафилми телевизионии «Рӯшноии раҳнамо» 375 бор ба ҷоизаҳои гуногун пешниҳод шуда, сазовори 98 мукофот гардидаастмегардад.

**Таҳияи Ш. ШОКИР**


# ОБУНА

“Шуғл ва муҳоҷират” - оинаи кор, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ

Суратҳисоби дохилӣ: С/Ҳ 20202972740003103000, К/Ҳ 20402972316264, КИБ 350101626, РМА 040003282. КВД «Рӯзномаи «Шуғл ва муҳоҷират».

Филиали №03 Амонатбонк дар ноҳияи Синои ш. Душанбе.
Арзиши солонаи як нусха – 150 сомонӣ аз тариқи суратҳисоби нашрия.



**Муассис:**
**Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Ҳайати мушовара:**

**Ҳасанзода Гулнора Кенҷа,**
вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Давлатзода Қиёмиддин,**
муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Нодирӣ Шаҳноза Анвар,**
муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ализода Алишер Ҳиматуло,**
муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Маҳмадзода Сафаралӣ Маҳмад,**
сардори Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ

**Нодирзода Иматшо,**
сардори Хадамоти муҳоҷират

**Ашурализода Абдураҳмон Ашуралӣ,**
директори Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ

Директори КВД
«Рӯзномаи «Шуғл ва муҳоҷират»
**Фаррух Файзуллоев**

Сармуҳаррир
**С. Ёрмаҳмадзода**

Тарроҳ
**Абдурозиқ Абунасрзода**

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии Ҳайати мушовараи вазорат маҳсуб намешавад.
Дурустии асноду далели мақолаҳо ба уҳдаи муаллифон аст.
Идора бо муаллифон мукотиба намекунад, дастхатҳоро бар намегардонад.

**Дар нашриёти ҶДММ «Фасл-4» чоп мешавад**

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 240\РЗ – 97 аз 16 марти соли 2021 номнавис шудааст.

**Нишонӣ:**
шаҳри Душанбе, кӯчаи Алишер Навоӣ, 5/2, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

тел: 2503243

**Обуна ба рӯзнома тамоми сол идома дорад ва дар ҳамаи нуктаҳои алоқа қабул карда мешавад.**
**Индекс 68959**

Почтаи электронии мо-
Rrohnamo@mail.ru